## Тақриз

**ба диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст**

Сиёсати гендерӣ дар замони мусир ҳамчун унсури таркибии сиёсати давлатии кишварҳо дар кулли ҷаҳон эътироф шудааст, зеро он ба масъалаи эҳтиром ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд робитаи бевосита дорад. Бо назардошти ин, ҳар як кишваре, ки роҳи бунёди демократияро пеш гирифтааст, ин нуктаро сарфи назар карда наметавонад. Вобаста ба ин ҳар як давлат бо назардошти хусусиятҳои миллию давлатӣ ва анъанаву урфу одати худ кӯшиш мекунад, ки масъалаи мазкурро ҳамчун қисми таркибии сиёсати давлатии худ қарор диҳад. Вобаста ба ин интихоби мавзӯи диссертатсияи мазкур саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Ҷанбаи дигаре, ки муҳиммияти масъаларо барои илми сиёсатшиносии ватанӣ боло мебарад, ин бори нахуст дар доираи кишварҳои пасошӯравии минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтани он мебошад. То ин вақт мақолаҳои илмии алоҳида вобаста ба ин масъала таҳия шуда буданд. Вале дар доираи диссертатсияи номзадӣ ва ба таври маҷмӯи масъалаи мазкур бори нахуст мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст.

Арзиши илмии диссертатсия, инчунин дар он аён мегардад,ки консепсияи таҳқиқотии муаллиф хосияти фарогирии комили тамоми ҷанбаҳои сиёсати гендериро дорост, ки дар ҷаҳони имрӯза маълуманд. Ҳамзамон, технологияҳои муосири татбиқи сиёсати гендерӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шудаанд, ки омӯзиши онҳо аҳамияти

хоссаи илмию амалӣ дошта, ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати гендерӣ метавонанд накши босазо дошта бошанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки мавзӯи интихобнамудаи Раҳмонзода Г.Р. мавзӯи муҳим, саривақтӣ ва дорои арзиши баланди илмию аҳамияти хосаи амалӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки муаллиф бо назардошти мураккабии мавзӯи таҳқиқшаванда ба сатҳи омӯзиши он диққати махсус додааст. Маводе, ки дар ин қисмати диссертатсия оварда шудааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф доираи васеи сарчашма ва адабиёти илмиро дар раванди таҳқиқоти худ истифода бурдааст. Гурӯҳбандии адабиёту сарчашмаҳо, ки муаллиф пешниҳод намудааст, гувоҳи он аст, ки дар ин ҷараён доираи васеи адабиёти илмию сарчашмаҳо истифода шудаанд. Амали мазкур ба муаллиф имконият додааст, ки мавзӯи мазкурро ҳаматарафа ва амиқ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳад. Ин бошад нишонаи малакаҳои баланди таҳқиқотии муаллиф мебошад, ки бахри васею ҳамаҷониба кушодани моҳияти мавзӯи таҳқиқотӣ ва муайян намудани фарқияту умумияти диссертатсияи мазкур бо дигар корҳои илмии дар ин самт дар кишварҳои минтақа анҷомдода, мусоидат мекунад. Комилан бо муаллиф мувофиқам, ки “Фарқи диссертатсияи мазкур аз диссертатсияҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда аз он иборат аст, ки масъалаи гендерӣ дар мисоли давлатҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ гардида, дар қиёс бо сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф тавонистааст муваффақона омӯзиши сиёсати гендерии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун унсури таркибии сиёсати давлатии онҳо ҳамчун мавзӯи таҳқиқот, нақши унсури гендерӣ дар ташаккулёбии сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ ва хусусиятҳои он дар замони муосир ҳамчун объекти таҳқиқот ва таҳлили раванди шаклгирии сиёсати гендерӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳоро ҳамчун мақсади таҳқиқот муайян намуда,

дар ин доираи вазифаҳоро мантиқан дуруст ва ба мақсад мувофиқ муқаррар намояд.

Омӯзиши асосҳои методологии таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар он аз усулҳои таҳлили таърихӣ, ҳуқуқӣ, равиши низомнок, таҳлили оморӣ, вазифавӣ, муқоисавӣ, баҳогузорӣ ва пешгӯӣ васеъ истифода шудааст. Интихоби асоси методогии мазкур ба муаллиф имконият додааст, ки дар доираи мақсаду вазифаҳои гузоштаи таҳқиқотии худ, мавзӯи мазкурро ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Вобаста ба ин аҳамияти амалии таҳқиқот низ боло рафтааст.

Муаллиф тавонистааст навгониҳо ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро илман асоснок  намояд. Нуктаҳое, ки ҳамчун навгонии диссертатсия пешниҳод шудаанд, дорои эътимоднокии баланди илмӣ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии хос буда, метавонанд ҷанбаҳои васеи татбиқ низ дошта бошанд.

Диссертатсияи Раҳмонзода Г.Р. “Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ” (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ) аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳои илмии истифодашуда иборат мебошад.

Боби 1 диссертатсия **“Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва инкишофи масъалаи гендерӣ дар илми муосир”** аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби 1 **“Асосҳои назариявии ташаккули масъалаи гендерӣ ҳамчун равияи илмӣ”** ба таҳқиқи асосҳои назариявии ташакули гендер ҳамчун равияи илмӣ бахшида шудааст. Ҷолибияти ин зербоб дар он аст, ки гендер на ҳамчун унсури сиёсат, балки равиши илмӣ таҳқиқ шуда, марҳилаҳои асосии ташаккул, фаҳмишҳои мавҷуда дар ин доира, аз он ҷумла, фаҳмиши биологӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Чунин муносибати илмӣ ба таҳқиқи масъала имконият медиҳад, ки бо назардошти заминаҳои боэътимоди илмӣ, унсури гендерӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсат асоснок карда шавад.

Ҳамчунин бо муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки "тафовутҳои гендерие, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, заминаҳои мусоидро баҳри ташаккули назарияҳои дигар фароҳам овардаанд, зеро ҳақ баровардани қувваи мардона фақат бо назардошти хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоию таърихии он заминаро барои рушди муносибатҳои падаршоҳӣ дар ҷомеа фароҳам овард. Мардмеҳварӣ дар табиат, ҷомеа ва таърих боиси амиқ реша давонидани тафовутҳо дар дастрасӣ ба захираҳои муайян дар ҷомеа гаштанд." (С.35).

Дар зербоби дуюми боби 1 " **Хусусияти таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ**" муаллиф қайд мекунад, ки "Таҳқиқоти гендерӣ таҷрибаи таҳқиқотии байнисоҳавӣ буда, имкониятҳои маърифатии назарияи ҷинси иҷтимоӣ (гендер)-ро баҳри таҳлили зуҳурот ва дигаргуниҳои ҷамъиятӣ истифода мебарад. Замина барои ташаккули ин равия дар илми муосири гуманитарӣ дар асоси пешниҳоди ворид намудани ҷузъҳои биологӣ ва фарҳангии вобаста ба ҷинс ба миён омадааст. Таҳқиқоти гендерӣ ҳамчун самти мустақили омӯзиши масъалаҳои вобаста ба гендер, василаи мусоиди муайян намудани раванди ташаккул ва рушди сиёсати гендерӣ дар ҷомеа маҳсуб меёбанд" (С.44).

Муаллиф хусусиятҳои хоси таҳқиқотҳои гендериро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода, умумият ва фарқияти байни онҳоро муайян намудааст. Бо нуктаи назари муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки масъалаҳои гендерӣ дар кишварҳои зикргардида дорои як қатор умумият ва тафовутҳое ҳастанд, ки ба хусусиятҳои миллӣ, этникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии миллатҳои маскуни онҳо вобаста мебошанд.

Боби 2 диссертатсия "**Табиати иҷтимоию сиёсии масъалаи гендерӣ ва хусусиятҳои он дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ**" ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби дуюм "**Зӯроварии гендерӣ: ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқии пешгирии он дар**

**кишварҳои Осиёи Марказӣ”** муаллифи диссертатсия барҳак қайд менамояд, ки “Дар қатори мушкилиҳои гуногуни хусусияти гендерӣ дошта масъалаи зӯроварии гендерӣ ҳамчун мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад. Ягон кишвари дунё натавонистааст ин мушкилотро ба пуррагӣ бартараф намояд. Дар ин ё он сатҳ, дар ин ё он шакл дар кулли кишварҳои дунё зӯроварии гендерӣ мавҷуд аст. Маҳз аз ҳамин сабаб масъалаи зӯроварии гендерӣ ҳамчун мушкилии хусусияти глобалидошта дар рӯзномаи аксарияти кулли ҷаласаҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ қарор гирифта, баҳри бартараф намудани он ниҳодҳои гуногуни сатҳи минтақавию байналмилалӣ даҳҳо барнома ва лоиҳаҳоро амалӣ намуда истодаанд.”(С.56).

Нуктаи дигари ҷолибе, ки барои кушодани масъалаи мазкур муҳим мебошад, ин кушодани моҳияти масъалаи зӯроварии гендерӣ мебошад. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки “Аз таҷрибаи корбарии муосир дар ин самт бармеоянд, ки мафҳуми «зӯроварии гендерӣ» ҳамчун «зӯроварӣ нисбати занон» пазируфта мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳам зӯроварии ҷинсӣ дар 90 фоизи ҳолатҳо нисбати занон анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, мафҳуми мазкур ифодагари воқеияти мавҷуда вобаста ба ҷой доштани поймолкунии ҳуқуқҳои занон буда, кӯшиши кишварҳо ва ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳам ба ин нукта нигаронида шудааст” (С.56-57).

Дар доираи таҳлили гузаронидашуда муаллиф механизмҳои пешгирӣ ва бартарафсозии зӯроварии гендериро дар кишварҳои минтақа муайян намудааст, ки инҳо василаҳои меъёрии ҳуқуқки, ниҳодӣ ва ҳисоботдиҳӣ маҳсуб меёбанд.

Зербоби дуюми боби 2 “**Қолабҳои гендерӣ ҳамчун ҷузъи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ташаккули сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ**” пурра ба масъалаи таҳлили ташаккул ва мавқеи қолабҳои гендерӣ дар татбиқи сиёсати гендерии кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки “таҳлили илмии масъала тақозо

менамояд, ки ба масъалаи қолабҳо аз диди сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ назар афканем, то ба моҳияти онҳо ба пуррагӣ сарфаҳм равем, зеро масъалаи қолабҳо масъалаи танҳо фарҳангию таърихӣ ё иҷтимоӣ нест. Масъалаи мазкур қодир аст, дар маҷмӯъ ба раванди ташаккулёбии сиёсати гендерии давлат таъсир расонад. Вобаста ба ин, ба таҳқиқи масъала аз нигоҳи маҷмӯӣ муносибат намудан зарур аст, то ки он ҳаматарафа ва аз нуктаи назари ҳақиқати илмӣ собит карда шавад" (С.86-87).

Муаллиф бо асосҳои эътимоднок тасдиқ менамояд, ки қолабҳои гендерӣ яке аз омилҳои монеъшаванда ба татбиқи самараноки сиёсати гендерӣ дар кишварҳои мавриди зикр мебошад. Вале табиати қолабҳо ва таъсири онҳо дар ҳар як кишвар фарққунанда мебошад.

Дар доираи зербоби мазкур муаллиф як қатор масъалаҳои муҳимми илмӣ, аз қабили моҳияти шахсият, мавқеи иҷтимоӣ, низоми арзишӣ ва ғайраҳоро аз диди илмӣ таҳлил намудааст, ки барои кушодани мазмуни зербоби мазкур аҳамияти хоси илмӣ доранд.

Зербоби сеюми боби 3 "**Дурнамои таҳкими омили гендерӣ дар сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ**" ном дошта, ба таҳлили масъалаи дурнамои рушди сиёсати гендерӣ дар кишварҳои мавриди зикр бахшида шудааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки "Дар фаҳмиши имрӯза масъалаҳои гендерӣ ҳамчун ифодакунандаи вазъи воқеии ҳуқуқи инсон ва таъмини демократия баромад намуда, ҳама гуна қафоравиҳо аз ин мавқеъ ба сатҳи самаранокӣ ва инсондӯстии сиёсати кишварҳо метавонад таъсири манфӣ расонад. Аз ин нуктаи назар, дар ин кишварҳо дар самти воридсозии унсури гендерӣ ба таркиби сиёсати давлатии худ, аз нигоҳи гендерӣ муайян намудани афзалиятҳои рушд ва мунтаззам мавриди баррасӣ қарор додани фаъолияти воситаҳои ниҳодӣ ва сатҳи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии тасдиқшуда, ба ҳукми анъанаи давлатдорӣ даромадааст".(С.117).

Дар доираи зербоби мазкур муаллиф вазъи муосир ва дурнамои воридсозии унсури гендериро ба сиёсати давлатии ин кишварҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, кӯшиш намудааст, ки равандҳо ва чараёнҳои дар ин самт ҷойдошта ҳаматарафа, аз диди иқтисодӣ, ичтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангию сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, уфуқҳои минбаъда ва мушкилиҳоро дар ин самт муайян намояд. Хушбахтона, муаллиф ба ин мақсади гузоштаи худ муваффақ шудааст.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо муаллиф аз натиҷаи таҳқиқи мавзӯъ хулосаҳои асоснок бароварда, тавсияҳое пешниҳод намудааст, ки бахри рушди минбаъдаи сиёсати гендерӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим мебошанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда воқеӣ ва иҷрошаванда мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмии дар доираи кори илмии мазкур ба даст омада, инчунин диссертатсияи мавриди таҳлил баъзе камбудиҳо низ дорад. Чунончӣ:

- муаллифро зарур буд буд, ки қисми асосноккунии муҳимияти мавзӯъро васеътар баён месохт. Ҳарчанд нуктаҳои зикргардида муҳимияти мавзӯи таҳқиқотии мазкурро таъйид кунанд ҳам, кушода додани онҳо аз аҳамият холӣ нест;
- таносуби таҳлили масъалаҳои гендерӣ аз рӯи мавзуъбандӣ ва минтақавӣ пурра риоя нашудаанд;
- пешниҳод барои бартараф кардани мушкилотҳои гендерӣ умумӣ баён гардидааст;
- субъектҳои амалигардонии барномаҳои давлатӣ доир ба масъалаҳои гендерӣ пурра таҳлил нагаштааст, аз ҷумла ҳамкориҳои институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварҳои Осиёи Миёна ;
- дар матни диссертатсия камбудиҳои техникӣ, грамматикӣ ва услубӣ низ вомехӯранд.

Вале камбудиҳои номбаркарда ба сатҳи илмии диссертатсия таъсири манфӣ надоранд ва арзиши онро паст намекунанд.

Диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон “Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ” (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ) кори илмии дорои хосияти фарогир ва бисёрҷанба буда, мантиқан анҷомёфта мебошад. Дар доираи он муаллиф тавонистааст ба ҳама саволҳои дар раванди таҳқиқ пайдошаванда ҷавобҳои асосноку боэътимод пешниҳод намояд.

Автореферат ва мақолаҳои ба табърасонидаи муаллиф мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ” (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии мустақил, мантиқан анҷомёфта ва ба талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Муқарризи якум, доктори
илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҷониён Р.М.
Тел.: +992 (37) 2213167
E-mail: rano-bobojon@mail.ru
“____”_____________2021 с.

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Бобоҷониён Р.М. -ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсус Турахонов Ф.

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС